Маълумот оид ба
рафти иҷрои муқаррароти протоколи ҷаласаи XXII Шӯрои машваратии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ

| № | Супоришҳои протоколӣ | Рафти иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯро якҷо бо дигар вазорату идораҳо лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025-ро таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд. | Лоиҳаи Барномаи рушди савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ва Нақшаи чорабиниҳои татбиқи барномаи мазкур таҳия гардида, айни замон дар баррасии вазорату идораҳои дахлдори кишвар қарор дорад. | |
| 2. | Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Маркази миллии қонунгузорӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор барои ҳарчи зудтар таҳия ва қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷорати электронӣ» бо фарогирии талабот, қоидаҳо ва тартиби ташкили фаъолият дар ин соҳа тадбирҳои зарурӣ андешад. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдои электронӣ” тиия гардида, аз 24 октябри соли 2022 қабул гардид.<br>Ҳамчунин, бо мақсади заминагузорӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ” аз 15 марти соли 2023 қабул гардид. | |
| 3. | Кумитаи андоз ҷиҳати соддагардонии ҷараёни барҳамдиҳӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла тавассути васеъ намудани рақамикунонии хизматрасониҳо ба субъектҳои соҳибкорӣ чораҳои зарурӣ андешад. | Ҷиҳати соддагардонии ҷараёни бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар давоми 24 соат, аз ҷумла ба тарзи электронӣ аз ҷониби Кумитаи андоз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” таҳия гардида, 15 марти соли 2023, №1952 қабул карда шудааст.<br>Ба ҳолати 1 октябри соли 2023 барои андозсупорандагон ва шаҳрвандон 81 адад хизматрасониҳои электронӣ ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда аз ҷониби мақомоти андоз раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият дода | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | шуда, дар 9 моҳи соли 2023 шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияи худро ба тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, беш аз 5,5 ҳазор зиёд гардидааст ва айни замон зиёда аз 160,5 ҳазор субъекти хоҷагидор эъломия ва ҳисоботҳои худро тариқи электронӣ пешниҳод намуда истодаанд. | |
| 4. | Вазорати маориф ва илм<br><br>- якҷо бо мақомоти дахлдор барномаҳои таълимиро вобаста ба омӯзиши васеи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳарчӣ зудтар такмил диҳад;<br><br>- барои таҳия ва татбиқи барномаи омодасозии кадрҳои соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ бо истифодаи усулҳои муосири таълим тадбирҳои заруриро амалӣ намояд. | Дар самти омода намудани мутахассисон вобаста ба талаботи бозори меҳнат Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 29 ноябри соли 2022, №562 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Яке аз ҳадафҳои асосии он баланд бардоштани сифати таҳсилот ва кам намудани ҳаҷми фоизи кредитҳои бахши фанҳои заминавӣ зиёд кардани фанҳои тахассусӣ буда, ба омӯзиши амиқи мавзуъҳои тахассусӣ, аз ҷумла технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ мусоидат мекунад.<br>Дар ин замина, барномаҳои таҳсилотӣ, нақша ва барномаи таълимӣ, инчунин, модулҳои фаннӣ барои соли таҳсили 2022-2023 барои ҳамаи ихтисосҳо таҳия ва тасдиқ гардиданд.<br><br>Аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои беҳтар намудани шароит ва татбиқи усулҳои муосири таълим ташкил намудани кабинетҳои технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва омӯзгорони ҷавонро тибқи шартномаи ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохил ва хориҷи кишвар барои гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ сафарбар менамоянд.<br>Дар раванди машғулиятҳои таълимӣ донишҷӯён забонҳои барномасозӣ, асосҳои амнияти компютерӣ, усулҳои рамзгузорӣ, ташкил ва воситаҳои техникии ҳифзи иттилоот, алгоритми кодгузорӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ ва барномавии иттилоотро меомӯзанд.<br>Мутахассисони ҷавон имкон пайдо мекунанд, ки усулҳои муосири ҳифзро истифода намоянд, чораёни ташкили | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | таъминоти барномавиро идора ва ҳифзи системаи компютериро аз вирусҳо таҳлил намоянд. | |
| 5. | Бонки миллӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади васеъгардонии дастрасии бонувони соҳибкор ба захираҳои молиявии арзон ҷиҳати баргузории озмуни “Ташкилоти беҳтарини молиявӣ оид ба хизматрасониҳо ба соҳибкории бонувон” мунтазам тадбирҳо андешад. | Дар нуҳ моҳи соли 2023 ба зиёда аз 676,9 ҳазор занону бонувон аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 573 млн. сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018 ба андозаи 2,6 маротиба зиёд мебошад. Маҷмуан дар панҷ солу 9 моҳи охир (2018-2022 ва 9 моҳи с.2023) маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 16,0 миллиард сомониро ташкил намудааст.<br>12 ва 16 майи соли 2023 мутаносибан озмуни “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкории бонувон” аз рӯи номинаҳои “пешниҳоди қарз/маблағгузорӣ”, “ҷалби пасандоз”, “кушодан ва пешбурди суратҳисоби бонкӣ” ва “додани кафолати бонкӣ” ва озмуни “20 бонуи муваффақ дар соҳаи бонкдории Тоҷикистон” аз руи номинатсияҳои “Корманди қарзии беҳтарин”, “Корманди беҳтарини кор бо амонат, пасандоз ва кортҳои бонкӣ”, “Корманди беҳтарини роҳбарикунанда”, “Корманди беҳтарини соҳаи иттилоооти технологии бонкӣ” ва “Корманди беҳтарини идори фаръӣ” барои заноне, ки дар ташкилоти қарзии мамлакат фаъолият менамоянд,ташкил ва баргузор гардид.<br>Мақсади асосии ташкил ва баргузор намудани озмуни мазкур ташвиқ ва тарғиби хизматрасонии молиявӣ дар байни субъектҳои хоҷагидор, аҳолӣ ва махсусан занҳои соҳибкор, афзун намудани дастрасии хизматрасонии бонкӣ ба онҳо, ҳавасмандгардонии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, васеъ намудани дастрасии соҳибкории бонувон ба захираҳои молиявии арзон ва арзёбии пешрафт дар татбиқи ҳамгироии гендерии молиявӣ, аз ҷумла маблағгузории соҳибкории занон дар корхонаҳои хурду миёна мебошад. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Солҳои 2022 ва 2023 ба 160 нафар занону бонувон 5 млн. сомонӣ (ҳамасола 2500 млн. сомонӣ ба 80 нафар) грантҳои президентӣ пешниҳод гардид.<br>Тибқи маълумоти Кумитаи андоз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор то 1 октябри соли 2023 ба 348,2 ҳазор адад баробар гардид, ки нисбат ба соли 2013 – 141,7 ҳазор адад ва нисбат ба аввали соли 2023 – 8,1 ҳазор адад зиёд мебошад.<br>Шумораи занҳои ба сифати соҳибкори инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда, инчунин занҳое, ки ба сифати роҳбари шахсони ҳуқуқӣ ва хоҷагиҳои деҳқони ба қайд гирифта шудаанд ба ҳолати 1 октябри соли 2023 дар маҷмуъ 89 554 нафарро ташкил менамояд. | |
| 6. | Вазорату идораҳо ва дигар сохтору мақомоти дахлдор:<br><br>- ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти мақомоти давлатӣ дар робита ба коҳиш додани ҷаримабандиҳо, хусусан роҳандозии корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тақвияти низоми электронии хизматрасонӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ намоянд; | Тибқи иттилои Кумитаи андоз муқаррароти моддаи 42 Кодекси андоз дар таҳрири нав бо мақсади пешгирӣ намудани татбиқи ҷарима вобаста ба ҳолатҳои ошкор гардидани қонунвайронкуниҳои андозӣ ба андозсупоранда огоҳинома ирсол гардида, дар ҳолати аз ҷониби андозсупоранда мустақилона ислоҳ намудани онҳо, ҷарима татбиқ карда намешавад.<br>Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ гузаронидани санҷишҳои андозии субъектҳои хоҷагидор маҳдуд ва санҷишҳои мавзӯӣ бекор карда шуда, пешбинӣ шудааст, ки санҷишҳои андоз танҳо дар асоси низоми идоракунии хавфҳо нисбат ба он субъектҳое, ки барои мустақилона ислоҳ намудани қонунгузории андоз чораандешӣ намекунанд, гузаронида мешавад.<br>Бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва маҳдуд намудани санҷишҳо тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022 №362 ба ҳама намуди санҷишҳои | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ то санаи 1 январи соли 2023 мараторий эълон ва татбиқ карда шуд.<br>Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии соҳибкорон ва дар ин замина таҳкими истеҳсолоти воридотивазкунанда, мусоидат ба саноатикунонии босуръати кишвар ва рушди содирот корҳои фаҳмондадидҳӣ оид ба талаботи регламентҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ ва стандартҳои байналмилалиро гузаронидааст.<br>Тибқи фармоиши Агентии Тоҷикстандарт аз 27 апрели соли 2022, №53 ф/а меъёри муқарраршудаи пардохтҳо дар ҳолати сертификатсиякунонии миқдори муайяни маҳсулот ва додани сертификати мутобиқат, ки тибқи “Ҳуҷҷати меъёрҳо 20-02-20” муайян шудааст, ҳангоми содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба андозаи 80 фоиз коҳиш дода шуд. | |
| | - дар раванди амалисозии тиҷорати электронӣ бо истифодаи васеи имкониятҳои низоми бонкӣ ва алоқа, монеаҳои мавҷударо бартараф намуда, чораҳои самараноки гузариши муназзам аз низоми анъанавӣ ба низоми рақамиро таъмин созанд;<br><br>- ҷиҳати ҳарчӣ бештар ҳавасманд кардани соҳибкорону аҳолӣ барои амалиётҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла тавассути анҷом додани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ, пешниҳоди бонусҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои бонкию алоқа, истифодаи васеи кортҳои бонкӣ ва мобилӣ, ҷорӣ намудани расидҳои электронӣ ва дигар самтҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд; | Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», (22 июни соли 2023) аз 1 августи соли 2023 пардохти тамоми хизматрасонии музднoки давлатӣ тариқи ғайринақдӣ ба роҳ монда шуд.<br>Ба ҳолати 30 сентябри соли 2023 шумораи кортҳои пардохтии бонкии ба муомилот баровардашуда 6,4 млн. ададро ташкил дода, нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 37,4 фоиз зиёд мебошад.<br>Теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2022 ба 6,3 млн. адад баробар шуда, нисбат ба соли 2021 ба миқдори 2,8 млн. адад ё 79,1 фоиз афзоиш ёфта бошад, дар 9 моҳи соли 2023 ин нишондиҳанда ба 7,5 млн. адад баробар шуда, нисбат ба нуҳ моҳи соли 2022 ба миқдори 1,8 млн. адад ё 31,5 фоиз зиёд шудааст.<br>Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтӣ ба санаи 30 сентябри соли 2023 дар ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 2092 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | адад банкомат ва 7727 адад терминалҳои электронӣ насб карда шудааст.<br>Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 шумораи банкоматҳо ба 509 адад ва шумораи терминалҳои электронӣ 1932 адад зиёд шуданд. Аз ин миқдор, дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд 3105 адад ва дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии кишвар 4622 адад терминалҳои электронӣ насб гардиданд.<br>Дар нуҳ моҳи соли 2023 дар муассисаҳои савдою хизматрасонии кишвар тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 38,1 млн адад амалиётҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдии пардохти молу хизматрасониҳо ба маблағи 10,0 млрд сомонӣ анҷом дода шудаанд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 аз руи шумора 65,4 фоиз ва аз руи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 94,9 фоиз афзоиш ёфтааст.<br>Дар ин давра таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пластикӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) мутаносибан 81,7 фоиз ва 18,3 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ 7,6 банди фоизӣ зиёд гардидааст.<br>**Хадамоти гумрук** дар самти аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ ва соддагардонии расмиёти савдо бо роҳи ҷорисозии низоми электронии хизматрасониҳо мунтазам чораандешӣ намуда истодааст.<br>Бо мақсади рақамикунонии фаъолият тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020 №410, низоми равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ мавриди истифода қарор гирифта, он мукаммал гардида истодааст.<br>Инчунин бо мақсади ҷорӣ намудани ҳисоббарорбаркунии ғайринақдӣ бо истифода аз воситаҳои пардохти электронӣ бо дарназардошти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | декабри соли 2019 №642 “Дар бораи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар асоси тартиби муқарраргардида байни Хадамоти гумрук ва ҶДММ ТАҚХ “Душанбе Сити” шартномаи хизматрасонӣ ба имзо расонида шуд.<br>Дар доираи созишномаи ҳамкорӣ байни Хадамоти гумрук ва Вазорати молия аз 19 майи соли 2020 №1905/20 оид ба мубодилаи маълумот дар маркази коркарди маълумотҳои ҷонибҳо таҷҳизоти серверӣ ва шабакаи алоқавӣ бо истифода аз низоми ҳифзшудаи VPN насб ва ҷорӣ карда шуд.<br>Маълумоти табодулшаванда бо таври автоматӣ мувофиқи дархостҳо аз рӯи рамзи “70” барои рузи амалиёти дархостшуда, дар низоми вақти воқеӣ (онлайн) ба роҳ монда шуд, ки барои пардохт намудани боҷу андозҳои гумрукӣ дар низоми ғайринақдӣ  ирсол намудани тасдиқи он пешбинӣ шудааст. Маълумоти қабулшуда дар махзани маълумотҳо ба таври автоматӣ захира гардида, барои хизматрасонӣ оид ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва роҳандозӣ намудани низоми пардохтҳои электронӣ равона гардидааст. Дар доираи ин шартнома системаи мониторинги пардохти электронии хизматрасониҳои гумрукӣ таҳия карда шуда, ҳамгироии он бо зерсистемаи “Барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ”-и Системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи ягона ба роҳ монда шудааст.<br>Қаблан тасдиқи падохтҳои гумрукӣ аз Вазорати молия тариқи дархостҳои хаттӣ пешниҳод мегардид, айни ҳол таҳия намудани ҳисоботи пардохтҳои гумрукӣ дар ин система ба тариқи онлайн ба роҳ монда шудааст.<br>Тибқи “Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024” корҳо ҷиҳати тақвияти ҷорисозии низоми электронии хизматрасониҳо идома меёбад. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | - амнияти иттилоотӣ ва бехатарии кибериро дар ҳама соҳаҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ таъмин намоянд. | Тибқи иттилои **Кумитаи андоз** хариду фуруши молҳо ва пешниҳоди кору хизматрасониҳо, инчунин тарғибу ташвиқи молҳо тавассути шабакаи интернетӣ ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба монанди Фейсбук, Инстаграм, ТикТок, Телеграм, Ютюб ва дигар шабакаҳо бо кушодани домен суроғаҳо, ташкили гуруҳҳо ва бо ин тартиб ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидан аз ҷониби шаҳрвандон васеъ ба роҳ монда шудааст. Андозбандии чунин даромадҳо дар бобҳои 26,43,51 ва 52 Кодекси андоз ба танзим даровarда шудааст.<br>**Бонки миллии Тоҷикистон** бо мақсади ҳавасманд намудани аҳолӣ барои истифодабарии бештари воситаҳои электронии пардохтӣ ва анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ мунтазам чораҳои ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла пешниҳоди Cash back яъне баргардонидани маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғаринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва дигар чораҳо амалӣ шуда истодаанд.<br><br>Кумитаи андоз ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотӣ ва муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ бо истифода аз технологияҳои муосир тибқи тартиби муқарраргардида истифодабарии барномаҳои иттилоотии худро давра ба давра васеъ ва ҳимояи онҳоро аз хатарҳои киберӣ таъмин намудааст.<br>Аз ҷумла сомонаи расмии Кумитаи андоз ба протоколи рамзикунонидашудаи HTTPS гузаронида шуда, аз тарафи ширкати таъминкунандаи сертификати техникии навъи Wildcard Certificate дорои ҳимоя таъмин карда шудааст. | |
| 7. | Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати мукаммал намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи паркҳои технологӣ” таҳия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | вобаста ба таъсис ва фаъолияти паркҳои технологияҳои иттилоотӣ чораҷӯӣ намоянд. | баррасӣ гардида, барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии ирсол карда шуд.<br>Дар назди КВД “Шаҳри ҳушманд” (SMART CITY)-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе корҳо ҷиҳати таъсиси Парки технологияҳои иттилоотӣ дар бинои собиқ “Маркази ҷавонон”-и шаҳри Душанбе идома дорад. | |
| 8. | Вазорату идораҳо, шӯроҳои соҳибкориву сармоягузории назди раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, ҷиҳати боз ҳам афзун намудани ҳиссаи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт чораҳои иловагӣ андешанд. | Таҳлили маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки саҳми бахши хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ сол аз сол афзоиш ёфта, дар соли 2022 ба 70 фоиз расонида шуд.<br>Аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вобаста ба супориши протоколӣ дар самти тақвият бахшидани заминаҳои ҳамкориҳо ҷиҳати ҷалби сармояҳои дохилию хориҷӣ ва зиёд кардани саҳми бахши хусусӣ дар иқтисодиёт соли 2023 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе-инвест 2023», Форуми соҳибкорони ҷавони Осиёи Марказӣ, Форумҳои Тоҷикистон бо давлатҳои Малайзия, Туркманистон, Чехия ва Олмон, соҳибкорию сармоягузории «Помиринвест-2023» ва дар шаҳри Остонаи Қазоқистон Форуми соҳибкории Тоҷикистону Қазоқистон баргузор карда шуданд.<br>Ҳамчунин, бо мақсади ҷалби сармоя мулоқоти маҷозии соҳибкорони Тоҷикистон, Швейтсария ва Испания, дар шаҳри Лондон Анҷумани сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон бо ташаббуси ҷониби Тоҷикистон, Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, дар шаҳри Душанбе Анҷуманҳои соҳибкории Тоҷикистон бо иштироки намояндагони Словакия, Маҷористон ва Австрия, Тоҷикистону Чин, Тоҷикистон ва Эрон, муколамаи тиҷоратӣ бо доираҳои соҳибкорию сармоягузории Корея, Россия, Шоҳигарии | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Тайланд, Конфронси нуҳум оид ба ҳамкориҳои байниминтақавииТоҷикистону Россия доир гардиданд.<br>Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯро вобаста ба Шӯроҳои минтақавии маҳаллӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи ташаббусҳои соҳибкорон, бо масъулони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва шуроҳои минтақавӣ мустақиман ва тариқи маҷозӣ ҷаласаҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор карда шуд. | |
| 9. | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ:<br><br>- якҷо бо котиботи Шӯро якҷо ва ҷалби вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи Барномаи рушди соҳибкории бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро таҳия ва пешниҳод намоянд; | Тибқи супориши протоколӣ лоиҳаи Барномаи рушди соҳибкории занон барои давраи то соли 2027 таҳия гардида, тибқи тартиби муқарраргардида ба ҷаласаи XXIII Шӯро пешниҳод карда шуд.<br>Мақсади асосии Барнома мусоидат ва дастгирии рушди соҳибкории занон, ҳавасмандгардонии онҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ, тарғибу ташвиқи симои мусбии зан-соҳибкор дар ҷомеа, пурзӯр намудани заминаҳои қонунгузории фаъолияти бонувони соҳибкор ва дар маҷмуъ афзоиш додани саҳми занон дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад.<br>Инчунин, дар самти рушди соҳибкории занон нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи рушди соҳибкории занон низ таҳия гардидааст, ки дар он чорабиниҳои мушаххас, муҳлати иҷро, сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар шакли ҷадвали муайян омода гардида, ҷиҳати иҷрои онҳо масъулин муваззаф карда шудаанд.<br>Дар лоиҳа таклифу пешниҳодҳо ва натиҷаҳои тадқиқоти аз ҷониби мақомоти давлатӣ, намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд гузаронидашуда, натиҷаҳои пурсишҳои соҳибкорон ва ассотсиатсияҳои соҳибкории ҷумҳурӣ, | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | - оид ба таъсиси Фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳои навоғозшавандаи ҷавонон, ки аз ҳисоби сармоягузориҳо ташаккул меёбад, пешниҳоди мушаххас манзур намояд; | инчунин таҷрибаи давлатҳои дигар ба инобат гирифта шудааст.<br>Лоиҳаи Барнома дар доираи Гурӯҳи кории байниидоравии назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ оид ба рушди соҳибкории занон, ҷавонон ва шахсони имконияташаон маҳдуд бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ, инчунин як қатор чорабиниҳо бо иштироки намояндагони ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва шарикони рушд мавриди баррасӣ қарор дода шуда, бо назардошти таклифу пешниҳодҳои аъзои гуруҳи корӣ мукаммал карда шудааст. | |
| | - якҷо бо котиботи Шӯро бо мақсади таъмини иштироки боз ҳам фаъоли сармоягузорони хориҷӣ дар баррасӣ ва қабули қарорҳои Шӯро, ҷиҳати зиёд намудани шумораи намояндагони онҳо дар ҳайати Шӯрои машваратӣ тадбирҳои заруриро амалӣ созад; | Вобаста ба масъалаи сармояи венчурӣ, аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Котиботи Шӯро таҳлилҳо гузаронида шуда, натиҷаҳои он ба ҷаласаи XXIII Шӯро манзур гардидааст.<br>Таҳлил ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии лоиҳаҳои навоғозшаванда (стартапҳо), фароҳамоварии заминаҳои молиявӣ ва дигар ҷанбаҳои соҳаро дар бар мегирад.<br>Дар ҷумҳурӣ низоми таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои стартап, сармоягузорӣ ва фондҳои венчурӣ дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, дар ин робита, муҳайё кардани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати рушди сармоягузории венчурӣ, фондҳои венчурӣ, сарчашмаҳои алтернативии маблағгузорӣ, бастани шартномаҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои стартап ва ҷанбаҳои пешрафти ин самтҳо зарур арзёбӣ мегардад.<br><br>Оид ба масъалаи мазкур тибқи муқаррароти Низомномаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ корҳо идома доранд. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | - якҷо бо вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ намунаи ягонаи шартномаи ҳамкорӣ оид ба сармоягузориро таҳия намуда, барои истифодаи васеи механизми шарикии давлату бахши хусусӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳои бештар дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешад;<br><br>- якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади таъмини самаранокии фаъолияти ассосиатсияҳои соҳибкории бонувону ҷавонон ва марказҳои омузишӣ ҷиҳати баланд бардоштани донишу малакаи соҳибкорон, аз ҷумла бонувону ҷавонон чораҷӯӣ намояд; | То имрӯз якчанд намунаи лоиҳаи шартномаи ҳамкорӣ оид ба сармоягузорӣ (дар шакли ёддошти тафоҳум, созишнома ва қарордод), аз ҷумла барои истифодаи васеи механизми шарикии давлату бахши хусусӣ таҳия карда шудааст.<br>Зимни баргузории форуму ҳамоишҳои соҳибкорӣ аз намунаҳои лоиҳаҳои омодагардида доираҳои соҳибкориву сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода намуда истодаанд.<br><br>Дар ин самт, бо мақсади дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ассотсиатсияи соҳибкорзанон ва Муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон” дар водии Рашт таъсис дода шуд.<br>Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати баланд бардоштани малака ва истеъдоди соҳибкорӣ, таъмини самаранокии фаъолияти бахши хусусӣ, бахусус дар байни ҷавонон чорабиниҳои гуногуни самти соҳибкорӣ, аз қабили мизҳои мудаввар, семинар ва дигар машғулиятҳо доир намуд.<br>Санаи 6 марти соли 2023 дар шаҳри Душанбе мизи мудаввар дар мавзӯи «Фаъолияти босуботи соҳибкории занону ҷавонон – омили таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёт» баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур намояндагони вазорату идораҳо, шарикони рушд, ассотсиатсияҳо ва бахши хусусӣ иштирок варзиданд.<br>Санаи 26 майи соли 2023 дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор бо мақсади иттилоотонии субъектҳои соҳибкорӣ вобаста ба ислоҳоти гузарондашуда ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла муқаррароти қонунгузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ, низоми иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, Барномаи дастгирии | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | - якҷо бо котиботи Шӯро ва дигар вазорату идораҳо вобаста ба масъалаҳои таъмини рушди устувори соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя барои саноатикунонии босуръати кишвар, инчунин дар хусуси боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти соҳибкории ҷавонон таҳлилҳо гузаронида, натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро манзур намояд. | давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2027, инчунин муайян намудани мушкилот ва камбудиҳои мавҷудбуда дар раванди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронда шуд.<br>Бо мақсади расонидани кумаки методиву машваратӣ дар самти рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба ҷавонон муассисаи давлатии «Ташккул ва рушди соҳибкорӣ»-и назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2023 беш аз 260 чорабиниҳои омӯзишӣ, машваратӣ ва ҳавасмандгардонӣ гузаронида, дар онҳо зиёда аз 7 ҳазор нафар, ки аксарияти онҳо соҳибкорони ҷавон мебошанд, гузаронида шуд.<br><br>Вобаста ба рушди соҳибкории ҷавонон ва сармояи венчурӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Котиботи Шӯро таҳлили муфассал гузаронида шуда, натиҷаҳои он ба ҷаласаи XXIII Шӯро манзур гардид. Раванди иҷрои қарорҳои Шӯро зери назорати доимӣ қарор дошта, вобаста ба иҷрои онҳо пайваста ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро маълумот манзур карда мешавад. | |